ДУХОВНОЕ СОБРАНИЕ
МУСУЛЬМАН РОССИИ

## Маркази баҳаморию мутобиқсозии ҳамаҷонибаи муҳоҷирон РОСМИГРАНТ

# БАҚАЙДГИРИИ ХОРИҶИЁН

**www.росмигрант.рф**
**www.rosmigrant.ru**
***Телефони дастрас***
***8 800 550 32 03***

***Шаҳрвандони Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон чигуна бояд сабти ном кунанд?***

Бояд донист, ки шаҳрвандони Қазоқистон ва Қирғизистон агар ба мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ омадаанд, аз ӯҳдадориҳои бақайдгирӣ дар ҷои будубош озоданд.

Шаҳрвандони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон (Қазоқистон ва Қирғизистон, агар мӯҳлати иқоматашон аз 30 рӯзи тақвимӣ зиёд бошад) мутобиқи қоида дар давоми 7 (ҳафт) рӯзи корӣ аз лаҳзаи вориди марзи Русия (барои шаҳрвандони Қазоқистон ва Қирғизистон дар давоми як рӯзи корӣ баъди ба охир расидани мухлати 30 рӯза), вазифадоранд, ки мақоми ваколатдорро дар бораи омадани худ огоҳ созанд ва дар маҳалли будубош сабти ном шаванд.

Бақайдгирии хориҷиён дар шӯъбаи маҳалии Идораи Хадамоти Федералии Муҳоҷират (УФМС) дар маҳали иқомати ҷониби қабулкунанда амалӣ карда мешавад.

***Ҷониби қабулкунанда ҳангоми сабти номи шаҳрванди хориҷӣ метавонанд инҳо бошанд:***

• шаҳрванди Федератсияи Русия (дорои манзили зист, ки дар асоси ҳуқуқи моликият ба ӯ тааллуқ дорад);

• шаҳрванди хориҷие, ки дар қаламрави Русия ба таври доимӣ зиндагӣ мекунанд ва иҷозатномаи иқомат (ВНЖ) дорад (дорои манзили зист, ки дар асоси ҳуқуқи моликият ба ӯ тааллуқ дорад);

• шахси ҳуқуқие, ки шаҳрванди хориҷиро ҳамчун мусофир қабул мекунад ё ҳамчун корфармои шаҳрванди хориҷӣ баромад мекунад (метавонад шаҳрванди хориҷиро дар маҳалли будубошаш ба қайд гирад);

• соҳибкори инфиродие, ки (қаблан дар Сарраёсати хадамоти муҳоҷирати ВКД ба сифати корфармо барои ғайрирезидентҳои Федератсияи Русия ба қайд гирифта шуда бошад), ҳамчун корфармо барои хориҷиён баромад мекунад;

• меҳмонхона ё дигар ташкилоте, ки хизматрасониҳои меҳмондорӣ, санаторияҳо, хонаҳои истироҳат, пансионатҳо, лагерҳои саломатии кӯдакон, марказҳои сайёҳӣ ва дигар биноҳое, ки воқеан шаҳрванди хориҷӣ дар он ҷо иқомат мекунад.

Барои ба қайд гирифтан, шаҳрванди хориҷӣ дар якҷоягӣ бо ҷониби қабулкунанда (ё шахси бо ваколатнома аз ҷониби ӯ ваколатдоршуда) бояд дар мӯҳлати муайяншуда ба хадамоти муҳоҷиратии идораи маҳалии ВКД бо ҳуҷҷатҳои зерин ҳозир шавад (ба истисноi сабти ном тавассути меҳмонхона):

***Ҷониби қабулкунанда - шахси воқеӣ***

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ӯ бо он марзро убур кардааст);

• Корти муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ - нусхаи асл (ҳангоми убури марз дода ва пур карда мешавад - расми 1);

• Ҳуҷҷатҳои аслӣ ва нусхаҳои тасдиққунандаи манзили соҳибмулк;

• Ариза барои бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ дар шакли варақаи Хадамоти федералии муҳоҷират пур карда шуда;

• Нусхаи шартномаи иҷораро талаб кардан мумкин аст (агар соҳибмулк бо хориҷӣ хеши надошта бошад).

***Ҷониби қабулкунанда - шахси ҳуқуқӣ / ё соҳибкори инфиродӣ***

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ӯ бо он марзро убур кардааст);

• Корти муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ (ҳангоми убури марз дода ва пур карда мешавад - расми 1) - нусхаи асл;

• нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқикунандаи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ;

• Ваколатнома барои афроде, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ваколатдор шудааст;

• Пур кардани аризаи бақайдгирии хориҷиён дар шакли пешбинишуда;

• Нусхаи шартномаи меҳнатӣ байни шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ (агар ҷониби қабулкунанда корфармои шаҳрванди хориҷӣ ҳисоб ёбад);

• Метавонанд ҳуҷҷатҳои (нусхаҳои) тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба амвол (манзиле, ки дар он шаҳрванди хориҷӣ зиндагӣ мекунанд) ё суроғаи қонуниро талаб кунанд.

***Ҷониби қабулкунанда - меҳмонхона***

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ӯ бо он марзро убур кардааст);

• Корти муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ - нусхаи асл (ҳангоми убур аз марз дода ва пур карда мешавад - расми 1);

• Аризаи пуркардашуда барои бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ дар шакли пешбинишудаи идораи муҳоҷират.

Меҳмонхонаҳо ва ҳотелҳо бақайдгирии меҳмонони худро барои давраи будубоши онҳо мустақилона анҷом медиҳанд - дар ин ҳолат ҳузури шаҳрванди хориҷӣ талаб карда намешавад.

Ҳангоми бақайдгирӣ, Мақоми ваколатдор (ИФХМ) варақаи сабти номи шаҳрванди хориҷиро барои пур кардан медиҳад (расми 2)

*Расми 1 – Корти муҳоҷирати шаҳрванди хориҷӣ*






*Расми 2 Варақаи бақайдгирӣ*



**Мухлати бақайдгирии (будубоши) хориҷиён:**

Шаҳрвандони Қазоқистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон метавонанд дар қаламрави Федератсияи Русия бе иҷозатномаи махсус дар ҳар нимсола 90 рӯз иқомат кунанд. Мувофиқи ин қонун будубоши шаҳрвандони ин кишварҳо ба мухлати 90 рӯз аз лаҳзаи омаданаш ба қайд гирифта мешавад. Дар маҷмӯъ, дар тӯли сол, мӯҳлати будубоши шаҳрвандони кишварҳои дар боло зикршуда дар Русия набояд аз 180 рӯз зиёд бошад.

Истисно аз ин қоида муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд. Шахсоне, ки барои иҷрои вазифаҳои меҳнатии худ (кор кардан) аз Қазоқистон ва Қирғизистон омадаанд, ҳуқуқ доранд дар қаламрави Федератсияи Русия мувофиқи мухлати шартномаи меҳнатӣ бо корфармо (то 12 моҳ) иқомат ва ба қайд гирифта шаванд.



Шаҳрвандони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, мувофиқи амали патенти меҳнатии худ ва пардохти ҳармоҳаи он (то 12 моҳ) дар қаламрави Федератсияи Русия иқомат ва ба қайд гирифта шаванд. Дар ин ҳолат, патентро (мувофиқи, мӯҳлати будубоши хориҷӣ ва сабти номи ӯ) бидуни тарки кишвари иқомати доимӣ то 12 моҳи дигар (бо шарти пешниҳоди сари вақти ҳуҷҷатҳо, як моҳ пеш) тамдид кардан мумкин аст.

Дар ҳолати ба итмом расидани мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ, шаҳрвандони Қазоқистон ва Қирғизистон бояд Федератсияи Русияро тарк кунанд ва танҳо пас аз воруди дубора тибқи шартномаи меҳнатӣ (барои давраи нав) ба қайд гирифта шаванд.

Бояд донед, ки агар шаҳрванди хориҷӣ пеш аз ба итмом расидани мӯҳлати сабти ном Федератсияи Русияро тарк кунад, пас асноди сабти ном бекор дониста меншавад ва ҳангоми воруд дубора сабти ном карданаш лозим аст.

Барои будубоши тӯлонитар дар Федератсияи Русия гирифтани иҷозатномаи иқомати муваққатӣ ба мӯҳлати то се сол ё иҷозатномаи истиқомат бидуни маҳдудияти мухлат гирифтан мумкин аст. Инчунин гирифтани шаҳрвандии Русия имконпазир аст (агар асос мавҷуд бошад).

***Чӣ гуна бақайдгирии муҳоҷиратро гузашт***

***Чӣ гуна ман метавонам ҳамчун муҳоҷир сабти ном кунам?***

Шуморо шахсе, ки дар хонааш воқеан зиндагӣ хоҳед кард ё ташкилоте, ки дар он кор хоҳед кард, сабти ном карда метавонад.

Ин метавонад бошад:

- шаҳрванди Федератсияи Русия;
- шаҳрванди хориҷӣ, ки дар Федератсияи Русия доимӣ

истиқомат мекунад;

• шахси ҳуқуқӣ (ташкилот), ташкилоти байналмилалӣ ё намояндагии он.

***Барои сабти номи муҳоҷират кадом ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст?***

Ҷониби қабулкунанда бояд ҳуҷҷатҳои бақайдгирии шуморо ба хадамоти муҳоҷират пешниҳод намояд.

***Ҷониби қабулкунандаи шумо шахси воқеӣ аст ё ҳуқуқӣ?***

***Шахси воқеӣ***

Тарафи қабулкунанда бояд ба мақомоти маҳалии Сарраёсати муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ (Маскав, вилояти Маскав) ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд ё почта фиристад:

• Огоҳнома дар бораи омадани шумо;

• Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти ҷониби қабулкунанда;

• Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии моликияти манзили ҷониби қабулкунанда;

• Ҳуҷҷате, ки шахсияти шуморо тасдиқ мекунад;

• Корти муҳоҷиратӣ ё раводиди шумо (агар бошад).

***Ташкилот (шахси ҳуқуқӣ)***

Тарафи қабулкунанда бояд ба мақомоти маҳалии хадамоти муҳоҷиратии ВКД (Маскав, вилояти Маскав) ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунад ё тариқи почта фиристад:

• Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

• Нусхаи РМА (ИНН);

• Нусхаи огоҳинома аз мақомоти маҳалии Хадамоти федералии давлатии омор;

• Нусхаи шаҳодатнома дар бораи сабт ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ;

• Нусхаи фармон дар бораи таъин кардани роҳбар;



• Нусхаи шиносномаи мудир;

• Нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо шаҳрванди хориҷӣ;

• Маълумот дар бораи ташкилот (суроға, телефон);

• Нусхаи шартномаи иҷора ё нусхаи шаҳодатномаи моликият ба манзили сабти ном мешуда;

• Нусхаи аслии Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ (муҳлаташ на зиёдтар аз ду моҳ бошад).

***Оё ман метавонам мустақилона барои сабти номи ба хадамоти муҳоҷират муроҷиат кунам?***

Дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрноке, ки ҷониби қабулкунанда ин корро карда наметавонад, шумо метавонед мустақилона мақомоти сабти муҳоҷиратро аз омаданатон огоҳ кунед.

Инчунин, агар шумо дар Русия доимӣ зиндагӣ кунед, ҳақ доред мустақилона дар бораи омадани худ ба мақомоти бақайдгирии муҳоҷират хабар диҳед. Барои ин, шумо метавонед ба мақомоти маҳалии хадамоти муҳоҷирати ВКД (дар Маскав, вилояти Маскав) ё марказҳои хидматрасонии «Ҳуҷҷатҳои ман» (дар Маскав, вилояти Маскав) муроҷиат кунед ва ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоед :

• Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;

• Корти муҳоҷират;

• Розигии хаттии ҷониби қабулкунанда

***Мӯҳлати сабти номи муҳоҷират чӣ қадар аст?***

***Шумо аз кадом кишвар омадаед?***

***Аз Беларуссия, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон***

Шумо бояд барои муҳоҷират на дертар аз 30 рӯз аз лаҳзаи вуруд ба Русия сабти ном шавед.

***Аз Тоҷикистон***

Шумо бояд на дертар аз 15 рӯз аз лаҳзаи вуруд ба Русия сабти ном шавед.

***Аз давлати дигар (на Беларус, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон)***

Шумо бояд дар маҳалли иқомат на дертар аз 7 рӯз аз лаҳзаи вуруд сабти ном шавед.

***Бақайдгирии муҳоҷиратӣ дар тӯли чанд вақт анҷом дода мешавад?***

Бақайдгирии ибтидоии муҳоҷират бори аввал ба муҳлати 90 рӯз карда мешавад. Яъне, шумо метавонед дар қаламрави Федератсияи Русия бидуни тарки он то се моҳ аз рӯзи вуруд бимонед.

***Агар ба ман лозим ояд, ки дар Федератсияи Русия зиёда аз 90 рӯз монам?***

Пас аз ба итмом расидани 90 рӯз, шумо метавонед аз Федератсияи Русия ба муддати 3 моҳ хориҷ шавед ва ё дар сурати мавҷуд будани асосҳои пешбинишуда сабти номи худро тамдид кунед.

***Чӣ чиз дар қайди муҳоҷират будани маро тасдиқ мекунад?***

Пас аз бақайдгирӣ дар хадамоти муҳоҷират ба шумо як қисми ҷудошавандаи ариза бораи бақайдгирии муҳоҷиратро бо қайди махсус ва муҳру печат медиҳанд.

***Агар аз қайди муҳоҷират нагузаред, чӣ мешавад?***

Барои вайрон кардани қоидаҳои сабти ном дар хадамоти муҳоҷират, ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷарима дар ҳаҷми аз 2000 то 7000 рубл (вобаста аз минтақа) бо ихроҷи эҳтимолӣ аз марзҳои Русия пешбинӣ шудааст.

***Агар варақаи сабти ном гум шавад ва ё вайрон шавад чӣ кор кардан мумкин?***

Дар ин ҳолат, шумо бояд ин ҳуҷҷатро барқарор кунед. Барои ин, ба шумо лозим аст, ки ба мақомоти маҳалии хадамоти муҳоҷирати раёсати ВКД Русия дар шаҳри Маскав (ё шаҳри худ) муроҷиат намуда, вазъиятро хабар диҳед.

***Барои барқарор кардани сабти номи муҳоҷирати ба ман кадом ҳуҷҷатҳо лозиманд?***

Шумо бояд ба мақомоти маҳалии муҳоҷирати раёсати ВКД Русия пешниҳод кунед:

- Шиносснома;
- Ариза дар бораи додани нусха дар ҳама гуна шакл, ки дар он ҳолатҳои гум шудан / вайрон шудани ин ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

***Оё ман барои гум шудани (вайрон шудан) варақаи сабти ном ҷарима месупорам?***

Не, барои гум шудан (вайрон шудан)-и варақаи сабти ном ҷазо пешбинӣ нашудааст.

***Бақайдгирии хориҷиён***

***Агар аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ё Қирғизистон омада бошед, дар Федератсияи Русия чӣ гуна бояд сабти ном кард?***

Шумо чӣ қадар дар Федератсияи Русия мондан мехоҳед?

То 30 рӯзи тақвимӣ - Ҳоҷати ба қайд гирифтан нест (ба шаҳрвандони Қирғизистон ва Қазоқистон).

Зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ - Ин бояд дар давоми як рӯзи корӣ пас аз ба охир расидани 30 рӯз ё дар давоми 7 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ташриф овардан амалӣ шавад.

Бақайдгирӣ дар хадамоти муҳоҷират дар маҳалли ҷойгиршавии ҷониби қабулкунанда гузаронида мешавад.

Ҳангоми сабти ном шуъбаи хадамоти муҳоҷират ба шумо варақаи бақайдгириро медиҳад.

***Шумо барои кор омадаед ё не?***

***Барои кор - расман***

Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳақ доранд дар тамоми мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ (Қазоқистон ва Қирғизистон) / патенти меҳнатӣ (Ӯзбекистон ва Тоҷикистон) (то 12 моҳ) бимонанд ва сабти ном кунанд.

Патентро бидуни тарки марз барои 12 моҳи дигар тамдид кардан мумкин аст (ҳуҷҷатҳо бояд як моҳ пеш аз анҷоми муҳлати патенти қаблӣ пешниҳод карда шаванд).

Пас аз ба итмом расидани мўҳлати шартномаи меҳнатӣ зарур аст, ки аз Федератсияи Русия баромад ва танҳо пас аз воруди дубора тибқи шартномаи нави меҳнатӣ ба қайд гирифт.

Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ў бо он марзро убур кардааст);

• Варақаи муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ (ҳангоми убури сарҳад дода ва пур карда мешавад) - нусхаи асл

• Нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ

• Ваколатнома барои нафаре, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ваколатдор шудааст

• Аризаи пур карда шуда барои бақайдгирии хориҷиён

• Нусхаи шартномаи меҳнатӣ байни шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ (агар ҷониби қабулкунанда ба ҳайси корфармои хориҷӣ бошад)

• Метавонанд, ҳуҷҷатҳои (нусхаҳои) тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба амвол (манзиле, ки шаҳрванди хориҷӣ будубош хоҳад кард) ё суроғаи қонуниро талаб кунанд.

***Барои кор ғайрирасмӣ / на барои кор***

Бе иҷозати махсус, мўҳлати будубош дар ҳар нимсола на бештар аз 90 рўз аст.

Дар тўли сол, мўҳлати будубош набояд аз 180 рўз зиёд бошад.

Шумо метавонед дар хонаи шахси воқеӣ ё дар меҳмонхона сабти ном шавед. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:

***Шахси воқеӣ***

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ў бо он марзро убур кардааст)

• Варақаи муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ - нусхаи асл (ҳангоми убури марз дода ва пур карда мешавад)

• Ҳуҷҷатҳои аслӣ ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи соҳибмулк оид ба манзил



• Ариза барои бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ дар шакли пешкашнамудаи Хадамоти федералии муҳоҷират пур карда мешавад

• Нусхаи шартномаи иҷораро талаб кардан мумкин аст (агар соҳибмулк хешовандии хориҷӣ набошад).

***Меҳмонхона***

• Шиносномаи аслии шаҳрванди хориҷӣ (ки ў бо он марзро убур кардааст)

• Варақаи муҳоҷиратии шаҳрванди хориҷӣ - нусхаи асл (ҳангоми гузаштан аз сарҳад дода ва пур карда мешавад)

• Ариза барои бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ

Меҳмонхонаҳо ва ҳотелҳо бақайдгирии меҳмонони худро мувофиқи давраи будубоши онҳо худ мустақилона анҷом медиҳанд, - барои ин ҳозир шудани шаҳрванди хориҷӣ талаб карда намешавад.

Дар ҳолати аз марзи Русия берун шудани шаҳрванди хориҷӣ варақаи сабти номи ў бекор дониста мешавад

Барои сабти номи муҳлатнок метавон иҷозатномаи иқомати муваққатӣ ба мўҳлати то се сол ё иҷозатномаи иқомат, ки мўҳлаташ бе маҳдуд аст гирифт ва дар асоси онҳо сабти ном кард. Инчунин дар асоси ин ҳуҷҷатҳо гирифтани шаҳрвандии Русия имконпазир аст (агар асос дошта бошед).

# МАЪЛУМОТИ МУФИД

## Ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани Қонуни муҳоҷират

Талаботи ҳатмӣ барои риояи қонунгузории муҳоҷирати Федератсияи Русия аз ҷониби корфармо ё кордеҳ (хизматрасониҳо) ҳангоми ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба кор дар ҷадвали зер нишон дода шудааст, ки намудҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро вобаста ба ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба кор дар бар мегирад. Ҳамчунин таҳримҳое, ки барои содир шудани чунин қонунвайронкуниҳо пешбинӣ мешаванд.

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Риоя накардани тартиби бақайдгирии ҳуҷҷатҳо барои ҳуқуқи будубош, истиқомат, кӯчидан, тағир додани ҷои будубош барои хориҷиён дар Русия ва хуруҷ аз ҳудуди он, агар ин амалҳо нишонаҳои ҷазои ҷиноятӣ надошта бошанд | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 40 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 1 мод. 18.9, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 500 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Аз ҷониби даъваткунанда наандешидани чораҳо оид ба риояи вазъи будубош (истиқомат) дар қаламрави Русия дар робита бо мутобиқати фаъолияти анҷомдодашуда бо мақсади воруд ё саривақт рафтани ӯ пас аз ба охир расидани мӯҳлати будубош (аз 16.01.2019) | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 4 ҳазор руб. | Қисми 2 мод. 18.9 КҲМ ФР, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 45 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 500 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |
| Иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар робита бо бақайдгирии муҳоҷиратӣ, агар ин амалҳо нишонаҳои ҷазои ҷиноятии шарти надошта бошанд | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 4 ҳазор руб. | Қисми 4 мод. 18.9, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 40 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 500 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Чораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Наандешидани чораҳо барои дастгирии моддӣ, тиббӣ ва манзили истиқоматӣ ба хориҷии даъватшуда дар вақти будубошаш дар Русия | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 40 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 5 мод. 18.9, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 500 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |
| Додани маълумоти бардурӯғ дар бораи мақсади будубош дар Русия ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳо барои воруд ба Федератсияи Русия | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 45 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 6 мод. 18.9, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 500 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Чораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Ҷалби хориҷиҳо ба фаъолияти меҳнатӣ дар Русия дар сурати мавҷуд набудани иҷозатномаи кор ё патент, агар онҳо тибқи қонунҳои федералӣ талаб карда шаванд ё ҷалби хориҷиён ба фаъолияти меҳнатӣ дар Русия аз рӯи касб (ихтисос, вазифа, намуди фаъолияти меҳнатӣ), ки дар иҷозатномаи кор ё патент нишон дода нашудаанд, ё инки ҷалби хориҷӣ ба кор ба дигар минтақаи ФР, ки дар қаламрави он ба ӯ иҷозатномаи кор, патент ё иҷозат барои истиқомати муваққатӣ дода нашудааст | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 5 ҳазор руб. | Қисми 1 мод. 18.15, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 25 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 250 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Ҷалб кардани шаҳрванди хориҷӣ барои кор дар Русия бидуни иҷозатномаи корӣ ва ё истифодаи коргарони хориҷӣ, агар чунин иҷозат тибқи қонунҳои федералӣ талаб карда шавад | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 5 ҳазор руб. | Қисми 2 мод. 18.15, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 25 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 250 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Огоҳ накардан ё вайрон кардани тартиб ва (ё) шакли огоҳномаи ба мақомоти маҳалии мақомоти иҷроияи федералӣ, ки назорати федералии давлатиро дар соҳаи муҳоҷират дар бораи бастан ё қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии шаҳрвандӣ барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо шаҳрванди хориҷӣ дар мӯҳлати на зиёда аз се рӯзи корӣ аз рӯзи бастан ва ё қатъ кардани шартнома, агар чунин огоҳинома мутобиқи қонуни федералӣ лозим бошад | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 5 ҳазор руб. | Қисми 3 мод. 18.15, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Қисмҳои пешбинишудаи 1 - 3 м. 18.15 Кодекси маъмурии Федератсияи Русия, ки дар Маскав, Санкт-Петербург, вилоятҳои Маскав ё Ленинград бар-расӣ мешавад | Шаҳрванд | Ҷарима аз 5 ҳазор то 7 ҳазор руб. | Қисми 4 мод. 18.15, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 70 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 1 млн руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Огоҳ накардан ё вай-рон кардани тартибот ва (ё) шакли огоҳномаӣ ба мақомоти иҷроияи федералии иҷрокунандаи назорати федералии давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ё мақомоти ваколаттори ҳудудии он (мутобиқи рӯйхати муқаррарнамудаи федералии мазкур) оид ба иҷрои ӯҳдориҳо оид ба партохти музди меҳнат (подош) ба мутахассиси баландихтисоси хориҷӣ, агар чунин огоҳинома ё пешниҳоди чунин маълумот дар қонуни федералӣ пешбинӣ шуда бошад | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 70 ҳазор руб. | Қисми 5 мод. 18.15, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 400 ҳазор то 1 млн руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Вайрон кардани қоидаҳои ҷалби хориҷиён ба кор дар муассисаҳои савдо (аз ҷумла марказҳои савдо), ки иборатанд аз: - додани иҷора ба соҳибкори инфиродӣ ё ташкилот (филиал, намояндагии он), ки муассисаи савдоро (аз ҷумла маркази савдоро) идора мекунад, ё шахси мансабдори ин ташкилот ё дигар ташкилот ё он шахси мансабдор ё дигар соҳибкори инфиродии ҷои савдо дар қаламрави иншооти тиҷоратӣ (аз ҷумла маҷмааи савдо), истеҳсолӣ, анбор, савдо, офис, дигар биноҳо ба хориҷие, ки ба фаъолияти ғайриқонунӣ ба кор дар муассисаи савдо ҷалб шудааст - ба хориҷие, ки фаъолияташро ғайриқонунӣ анҷом медиҳад пешкаш намудани иҷора, иҷозат барои иҷрои он ё қабули он дар шакли дигар барои иҷрои амал | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 45 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 1 мод. 18.16 КҲМ ФР |
| | Соҳибкори инфиродӣ | Ҷарима аз 350 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 450 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| ба соҳибкори инфиродӣ, ташкилот (филиал, намояндагии он), идораи муассисаи савдо (аз ҷумла маҷмааи савдо), ё шахси мансабдор ташкилоти мушаххас (филиал, намояндагии он) пешниҳоди ҷои савдо дар ҳудуди муассисаи савдо (аз ҷумла маҷмааи савдо), истеҳсолот, анбор, идора, ё дигар биноҳои ташкилоти дигар ё соҳибкори инфиродӣ, ки иҷозатнома барои ҷалб ва истифодаи коргарони хориҷӣ надоранд, агар чунин иҷозатнома ё патент зарур бошад мувофиқи қонунҳои федералӣ | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 45 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 2 мод. 18.16 КҲМ ФР |
| | Соҳибкори инфиродӣ | Ҷарима аз 350 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 450 ҳазор то 800 ҳазор руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Ҳолатҳои пешбинишуда мувофиқи қ. 1, 2, м. 18.16 Кодекси маъмурии Федератсияи Русия, ки дар Маскав, Санкт-Петербург, вилояти Маскав ё Ленинград амал мекунад | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 45 ҳазор то 70 ҳазор руб. | Қисми 3 мод. 18.16, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 450 ҳазор то 1 млн руб. ва ё қатъи маъмурии фаъолият ба мӯҳлати аз 14 то 90 шабонарӯз | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |
| Аз ҷониби корфармо ё кордеҳ риоя накардани маҳдудиятҳои муқарраркардаи қонуни федералӣ оид ба амалӣ намудани намудҳои алоҳидаи фаъолият нисбати хориҷиён | Шаҳрванд | Штраф от 2 тыс. до 4 тыс. руб. | Қисми 1 мод. 18.17, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Штраф от 45 тыс. до 50 тыс. руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Штраф от 800 тыс. до 1 млн руб. либо административное приостановление деятельности на срок от 14 до 90 суток | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Огоҳ накардан ё аз ҷониби ташкилоти таълимӣ вайрон кардани тартиби огоҳкуни ба мақомоти маҳалии мақомоти иҷроияи федералии иҷрокунандаи назорати федералии давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, дар бораи таъмин намудани рухсатии академӣ ба шаҳрванди хориҷӣ, ба итмом расонидан ё қатъ кардани таҳсил аз ҷониби хориҷӣ, ихроҷи худсаронаи шаҳрванди хориҷӣ аз ташкилоти таълимӣ, агар чунин огоҳинома тибқи қонунҳои федералӣ талаб карда шавад | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 1 мод. 18.19, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 500 ҳазор то 800 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |

| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Аз ҷониби ташкилоти таълимӣ огоҳ накардан ё вайрон кардани тартиби огоҳнамоӣ ба мақомоти иҷроияи минтақавии Федератсияи Русия дар соҳаи маориф дар бораи омадани хориҷӣ ба ташкилоти таълимӣ, додани рухсатии академӣ, ба итмом расонидан ё қатъ кардани он, ба таври худсарона хориҷ шудани шаҳрванди хориҷӣ аз муассисаи таълимӣ ё ташкилот, агар чунин огоҳинома тибқи қонунҳои федералӣ талаб карда шавад | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 2 мод. 18.19, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 500 ҳазор то 800 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |
| Огоҳ накардан ё вайрон кардани тартиби огоҳкунӣ ба мақомоти маҳалии хадамоти муҳоҷирати РВКД Русия дар бораи беиҷозат хориҷ кардани шаҳрванди хориҷӣ аз ташкилоти таълимӣ, агар чунин огоҳинома тибқи қонунҳои федералӣ талаб карда шавад | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 50 ҳазор руб. | Қисми 3 мод. 18.19, шарҳ ба мод. 18.1 КҲМ ФР |
| | Шахси ҳуқуқӣ | Ҷарима аз 500 ҳазор то 800 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | | |



| Ҷиноятҳо | Шахсоне, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд | Ҷораҳои ҷавобгарӣ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| Огоҳона пешниҳоди маълумоти бардурӯғ дар бораи хориҷӣ ё ҳуҷҷатҳои бардурӯғ ҳангоми бақайдгирии хориҷӣ, агар ин амалҳо нишонаҳои ҷазои ҷиноятӣ надошта бошанд | Шаҳрванд | Ҷарима аз 2 ҳазор то 5 ҳазор руб. | Қисми 2 мод. 19.27, шарҳ ба мод.. 2.4 КҲМ ФР |
| | Шахси маъмурӣ | Ҷарима аз 35 ҳазор то 50 ҳазор руб. | |
| | Соҳибкори инфиродӣ | Ҷарима аз 350 ҳазор то 800 ҳазор руб. | |
| | Шахси ҳуқуқӣ | | |

***Сарраёсат оид ба масоили муҳоҷирати ВКД Русия:***
Сомона: guvm.mvd.rf
Телефон: +7 495 667-02-99

***Бозрасии давлатии меҳнатӣ:***
Сомона: rostrud.gov.ru/inspections/
Тел: 8 800 707 88 41

***Хадамоти федералии андоз:***
Сомона: nalog.ru
Телефон: 8 800 222 22 22

***Маркази сифати таълим дар Маскав:***
Сомона: mcko.ru
Телефон: +7 495 952-09-05

***Хонаи миллатҳои Маскав:***
Сомона: mdn.ru
Телефон: +7 495 625-90-18

***СХА Вазорати корҳои дохилии Русия:***
Маскав, ст. Сатовая Спасская, 1/2
Телефон: +7 495 667-07-30

***Прокуратураи генералии Федератсияи Русия:***
Сомона: genproc.gov.ru
Маскав, ст. Большая Дмитровка, 15а
Тел.: +7 495 987-56-56

***Хадамоти федералии амният:***
Маскав, кӯчаи Большая Лубянка, том. 1
Сомона: fsb.ru



***Кумитаи тафтишотии Федератсияи Русия:***
Сомона: sledcom.ru
Маскав, ст. 1-уми Фрунзенская, 3а
Рақами телефон: 8 800 100 12 60
Телефони қабул: 8 (495) 986-77-10

Агар шумо ягон маълумоте дар бораи ҳамлаҳои террористии содиршуда ё омодашаванда дошта бошед, лутфан бо ХФА (ФСБ)-и Русия бо телефонҳои зер тамос гиред:
8 495 224 22 22
8 800 224 22 22

## *Рӯйхати истгоҳҳои асосии роҳи оҳани шаҳри Маскав*

***ВАКЗАЛИ БЕЛОРУС (БЕЛОРУССКИЙ ВОКЗАЛ)***
Нишонӣ: майдони Тверская застава, х. 7
(метро «Белорусская»)
Сомона: belorussky.dzvr.ru
Телефон: 8 800 775 00 00, +7 499 623-85-57

***ВАКЗАЛИ КИЕВ (КИЕВСКИЙ ВОКЗАЛ)***
Нишонӣ: майдони вокзали Киев, х. 1
(метро «Киевская»)
Сомона: kievsky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 499 623-63-39,
+7 499 623-65-62, +7 499 623-62-06

***ВАКЗАЛИ ЛЕНИНГРАД (ЛЕНИНГРАДСКИЙ ВОКЗАЛ)***
Нишонӣ: майдони Комсомолск, х. 3
(метро «Комсомольская»)
Сомона: leningradsky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 495 262-91-43,
+7 495 262-91-43, +7 495 262-98-76

## ВАКЗАЛИ ЯРОСЛАВЛ (ЯРОСЛАВСКИЙ ВОКЗАЛ)

Нишонӣ: майдони Комсомолск, х. 5,
(метро «Комсомольская»)
Сомона: yaroslavsky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 495 921-59-14, +7 495 266-05-23

## ВАКЗАЛИ ПАВЕЛЕТСК (ПАВЕЛЕЦКИЙ ВОКЗАЛ)

Нишонӣ: майдони Павелецк, х. 1а
(метро Павелецкая)
Сомона: paveletsky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 499 235-12-14, +7 499 235-91-05

## ВАКЗАЛИ ҚАЗОН (КАЗАНСКИЙ ВОКЗАЛ)

Нишонӣ: майдони Комсомолск, х. 2
(метро «Комсомольская»)
Сомона: kazansky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 499 266-31-81,
+7 499 266-23-00, +7 499 264-65-56

## ВАКЗАЛИ КУРСК (КУРСКИЙ ВОКЗАЛ)

Нишонӣ: кӯч. Земляной Вал, х. 29
(метро «Курская»)
Сомона: kursky.dzvr.ru
Телефони: 8 800 775 00 00, +7 499 266-54-70, +7 499 266-52-43

### *Хатти тамос бо кормандони роҳи оҳан*

8 800 775 00 00
Хатсайрҳои қаторҳои байнишаҳриро дар сомонаи rzd.ru пайдо кардан мумкин аст

### *Хатти тамос ба кормандони автовокзал ва автостансияҳои ш. Маскав:*

+7 (499) 940-08-43



### *Рақамҳои фрудгоҳҳои шаҳри Маскав*

## ФУРУДГОҲИ ВНУКОВО

Телефон: +7 (495) 937-55-55
Нишонӣ: ш. Маскав, кӯч. 1-я Рейсовая, 12
Сомона: vnukovo.ru

## ФУРУДГОҲИ ДОМОДЕДОВО

Телефон: +7 (495) 933-66-66
Нишонӣ: вил. Маскав, ш. Домодедово, а/п Домодедово
Сомона: dme.ru

## ФУРУДГОҲИ ШЕРЕМЕТЬЕВО

Телефони: +7 (495) 578-65-65, +7 (925) 100-65-65
Нишонӣ: вил. Маскав ш. Химки, а/п Шереметево
Сомона: svo.aero

### *Рӯйхати сафоратҳо ва консулгариҳои ҷумҳуриҳои ИДМ дар Федератсияи Русия*

### *Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Федератсияи Русия:*

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, хиёбони Леонтевский, 16
Телефон: +7 495 629-16-49, +7 495 629-43-32
Почтаи электронӣ: moscow@mission.mfa.gov.az,
embassy@azembassy.msk.ru, consulate@azembassy.msk.ru
Сомона: moscow.mfa.gov.az

### *Сафорати Ҷумҳурии Арманистон дар Федератсияи Русия:*

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, Армянский пер., 2
Телефонҳо: +7 495 624-12-69, +7 495 624-32-43
Почтаи электронӣ: incom@armem.ru
Сомона: russia.mfa.am/ru, armconsul.ru

### Сафорати Ҷумҳурии Беларус дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, кӯч. Маросейка, 17/6, бинои 4.
Телефон: +7 495 624-70-95, +7 495 777-66-44
Е-почтаи электронӣ: consular@ embassybel.ru, mail@embassybel.ru
Сомона: embassybel.ru

### Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, булвори Чистопрудний, 3а
Телефонҳо: +7 495 627-18-09, +7 495 627-18-12, +7 495 627-18-11, +7 495 627-17-06
Почтаи электронӣ: moscow@mfa.kz, consul@kazembassy.ru, consul.moscow@mfa.kz
Сомона: kazembassy.ru

### Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, кӯч. Большая Ординка, 62, бинои 2
Телефон: +7 499 237-48-82 , +7 495 237-46-01, +7 499 238-33-04, + 7 (499) 230-11-17
Почтаи электронӣ: info@kyrgyzembassy.ru , kgembassy.ru@mfa.gov.kg
Сомона: mfa.gov.kg/ru/dm

### Сафорати Ҷумҳурии Молдова дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, кӯч. Кузнецкий Мост, 18
Телефонҳо: +7 495 790-75-46, +7 495 624-53-53
Почтаи электронӣ: moscova@mfa.gov.md , consul.moscova@mfa.md
Сомона: rusia.mfa.md



### Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, Гранатний пер., 13
нишонии консулгарӣ: ш. Маскав, хиёбони Скатерний, 19
Телефонҳо: +7 495 690-38-46, +7 495 690-41-86, +7 495 690-57-36, +7 495 690-02-70
Почтаи электронӣ: consulate@tajembassy.ru, tajembmoscow@mfa.tj
Сомона: tajembassy.ru

### Сафорати Туркманистон дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, хиёбони Филипповский, 22
нишонии консулгарӣ: ш. Маскав, Малий Афанасьевский пер., Хонаи 14/34
Телефонҳо: +7 495 690-32-02, +7 495 690-32-58, +7 495 690-32-02, +7 495 690-32-58
Почтаи электронӣ: consul@turkmenembassy.ru , office@turkmenembassy.ru
Сомона: russia.tmembassy.gov.tm/ru/contacts

### Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, Погорельский пер., 12, бинои 1
нишонии консулгарӣ: ш. Маскав, шафати 2-юми Казачий, 2
Телефонҳо: +7 499 230-00-76, +7 499 238-36-20
Почтаи электронӣ: uzkorus@mail.ru, info@uzembassy.ru
Сомона: uzembassy.ru

### Сафорати Украина дар Федератсияи Русия:

Нишонии Сафорат: ш. Маскав, Леонтевский пер., 18
Телефонҳо: +7 495 629-97-42, +7 495 629-19-88, +7 495 629-72-97, +7 495 629-35-42
Почтаи электронӣ: gc_ru@mfa.gov.ua, gc_ru@list.ru, emb_ru@mfa.gov.ua
Сомона: russia.mfa.gov.ua/ru

## *Рӯйхати телефонҳои хадамотҳои фавқулодда:*

**911** — телефони универсалӣ барои ҳама ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва амволи сайёҳ таҳдид мекунад

***+7 (495) 937-99-11*** — Хадамоти наҷотдиҳии Маскав - дар ҳолатҳои фавқулодда

Рақамҳои хадамоти фавқулодда, ки бо SIM-корти дилхоҳ оператори мобилӣ ба онҳо метавонед дар тамос шуд:

***101*** — Гурӯҳи оташнишонӣ - ҳангоми ошкор кардани оташ ё аломатҳои сӯхтор

***102*** — Пулис - дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ

***103*** — Ёрии таъҷилӣ - дар сурати зарурат ба ёрии тиббӣ

***104*** — Хадамоти газ - агар бӯи газро ҳис кардед

***109*** — Хадамоти маълумотдиҳӣ - барои ба даст овардан ё аниқ кардани ягон маълумот

***112*** — Занг ба хадамоти наҷотдиҳӣ аз телефони мобилӣ (танзимгар забонҳои русӣ ва англисиро медонад)



## *Барои қайд*

**www.росмигрант.рф**
**www.rosmigrant.ru**
***Телефони дастрас***
***8 800 550 32 03***

*8 926 121 39 56*

*Ба воситаи WhatsApp суҳбат бо Росмигрант:*

*Бо кумаки Фонди дастгирии маориф*
*ва илму фарҳанги исломӣ*